Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Чилаев Раҳмоналӣ Собирович дар мавзуи «Сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: равандҳо ва омилҳои татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ

Автореферати кори диссертатсионии пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои воқеан мубрами илми сиёсатшиносии муосир бахшида шудааст. Аҳамияти мавзуъ аз он ибора аст, ки сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо масъалаи дохилии иқтисодӣ, балки омили калидии ташаккули ҳувияти геополитикии кишвар дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар замони ҳозира, ки масъалаҳои амнияти энергетикӣ, тағйирёбии иқлим ва рақобати геополитикӣ дар арсаи байналмилалӣ бештар аҳамияти стратегӣ пайдо мекунанд, таҳқиқи ин мавзуъ аз мавқеи илми сиёсатшиносӣ на иқтисоду на техника зарурати воқеии илмӣ дорад. Довталаб чунин рукни методологиро дуруст интихоб намудааст ва ин худ нишонаи камолоти илмӣ-назариявии ӯ мебошад.

Таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки кор аз нуқтаи назари сохтори умумӣ ба талаботи стандартҳои академии муосир мувофиқат мекунад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот равшан баён гардида, объект ва предмети таҳқиқот дуруст ҷудо карда шудааст. Фарзияи таҳқиқот ба тарзи мантиқӣ ва бо дарназардошти реалиятҳои геополитикии минтақа тарҳрезӣ шудааст. Чаҳор нуқтаи барои ҳимоя пешниҳодшаванда дорои мазмуни мушаххас ва байни худ пайвасти мантиқии равшан доранд, ки ин ҷиҳатро ба сифати дастоварди назаррас бояд қайд кард.

Доираи манбаъшиносии таҳқиқот васеъ ва ба таври нисбатан мутавозин ташкил шудааст. Муаллиф осори олимони ғарбӣ Р. Оти, В. Бэнкс, М.А. Конант, А. Гирард, Ф. Ҳилл ва дигаронро, ки сиёсати энергетикиро дар доираи геополитика ва муносибатҳои байналмилалӣ таҳлил мекунанд, бо асарҳои олимони рус ва ватанӣ ба тарзи мунтазам муқоиса ва истифода намудааст. Чаҳор гурӯҳи адабиётшиносии пешниҳодшуда аз нигоҳи мантиқ хуб ба ҳам пайвастанд ва тасвири кофии вазъи таҳқиқи мавзуъро дар адабиёти ватанию хориҷӣ медиҳанд. Ба хусус шоистаи таъкид аст, ки муаллиф бо осори олимони ватанӣ, аз ҷумла А.Н. Муҳаммад, М.Х. Маликов, Г.В. Коваленко, З.С. Қувватзода ва дигарон, ки ҷанбаҳои алоҳидаи сиёсати энергетикии Тоҷикистонро таҳлил кардаанд, ошноии хуб нишон додааст.

Пояҳои назариявии таҳқиқот назарияи рушди устувор, иқтисоди институтсионалӣ ва муносибати сиёсӣ-иқтисодӣ бо мавзуи диссертатсия мувофиқат мекунанд. Истифодаи ин равишҳо дар маҷмуъ имкон медиҳад, ки сиёсати энергетикӣ на ҳамчун масъалаи соф техникию иқтисодӣ, балки ҳамчун падидаи бисёрабъадии сиёсию иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор гирад. Чунин равиш аз нигоҳи методологияи муосири илми сиёсатшиносӣ тавҷеҳноку асосдор аст.

Аҳамияти амалии кор низ дар сатҳи кофӣ асоснок гардидааст. Маводи таҳлилӣ ва пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд дар фаъолияти Вазорати

корҳои хориҷӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, инчунин ниҳодҳои дигари давлатӣ, ки ба масъалаҳои рушди соҳаи энергетика машғуланд, мавриди татбиқи амалӣ қарор гиранд. Дар маҷмуъ, ин таҳқиқот саҳми мушаххасе ба адабиёти илмии ватанӣ дар соҳаи сиёсатшиносӣ мегузорад.

Дар умум, диссертатсия мавзуи муҳим ва дорои аҳамияти стратегӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегирад. Кор аз нигоҳи сохтор ба стандартҳои академӣ мувофиқат мекунад, маводи амалии кофӣ дорад ва пойгоҳи назариявии он тасдиқшуда аст. Автореферати кори диссертатсионии Чилаев Раҳмоналӣ Собирович ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Муқарриз:

Доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Раҳимов М.Ҳ.
E-mail: rakhimov55@mail.ru
Тел. +992918897393

Имзои Раҳимов М.Ҳ.–ро тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ва КМ-и
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик
М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

Нишона: 734042 Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10;
E-mail: info@ttu.tj. Тел: (992) (37)221-35-11

13.04.2026